*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14) E-mail: faridullo72@mail.ru*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қодирзода Фарҳод Анвар –ба диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи “Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Тасдиқ мекунам, ки диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6) аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳия шудааст. Диссертатсия ба бандҳои 2.14. Маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; 3.25. Молияи равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, афзорҳои молиявии сармоягузорӣ; 4.7. Механизми стратегияи инвеститсионии пасандозҳои аҳолӣ; 4.8. Рушди муносибатҳои молиявӣ ва қабули қарорҳои молиявии сармоягузорӣ дар ҳоҷагии хонаводагӣ; 5.2. Асосноккунии назариявӣ ва методологии равишҳои арзёбии амвол, сармоя ва сарчашмаҳои ҷалбгардидаи Шиносномаи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити ҳозира Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи Стратегияи рушди миллӣ дар давраи то соли 2030 самти стратегии гузариш ба ташкили шакли индустриалӣ-аграрии иқтисодиётро қабул кардааст. Дар шароити имрӯза «рушди шаҳру ноҳияҳо бо назардошти ба ҳисоб гирифтани манфиатҳои миллӣ яке аз роҳҳое махсуб мешавад, ки сиёсати иқтисодии мамлакатро муайян месозад. Аз ин рӯ, дар доираи татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегияи

миллӣ омода сохтан ва амалӣ намудани барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо зарур мебошад.

Дар робита бо ин, дар доираи амалӣ гардонидани ҳуҷҷатҳои стратегӣ зарурати коркард ва такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои мамлакат, ки шароитҳои асосии баландшавии дараҷаи рақобатпазирии иқтисодиёти мамлакатро дар маҷмуъ муайян месозад, ба миён меояд. Ташкили муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва ҳалли вазифаи ҷалби сармоя ба минтақаҳои ҷумҳурӣ бо маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва ҷанбаҳои иҷтимоӣ, молиявӣ, инфрасохтории рушди минтақа алоқамандии зич дорад. Тадбирҳои дастгирии давлатии минтақаҳои мамлакат боиси баланд шудани фаъолияти молиявии таъмини сармоягузориҳо мегардад. Солҳои охир қариб 90% лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар минтақаҳои мамлакат амалӣ мешаванд. Дар баробари ин, механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо аз неруи сармоягузорӣ, имконияти минтақаҳо ва воситаҳои худии субъектҳои хоҷагидорӣ бармеояд.

Ҳамин тариқ, зиддиятҳое, ки дар байни механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо рушди иқтисодӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ мушоҳида мегарданд, дар як вақт ҳам пурзӯршавии муттамарказонӣ ва ҳам баландшавии нақши субъектҳои иқтисодиро дар фаъолияти сармоягузорӣ тақозо менамоянд. Дар чунин шароит такмили механизмҳои молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ дар асоси таҳлили сабабҳое, ки динамикаи фаъолияти инвеститсиониро дар минтақаҳои мамлакат, хусусан вилояти Хатлон муайян месозанд, инчунин омӯзиш ва паҳнкунии таҷрибаи пешқадам зарур мебошад.

Агар аз як тараф таҷрибаи ҳақиқии хоҷагидории минтақаҳо аз тарафи дигар зарурати асосҳои назариявӣ ва методологӣ ва такмилдиҳии механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ дар асосҳои назариявӣ ва методологӣ ва механизмҳои ба миён меояд. Маҳз ҳамин масъала муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии интихобкардаи моро ташкил дод.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф як қатор навгониҳо, дастовардҳои илмӣ, тасдиқот ва хулосаву пешниҳодҳо оварда шудаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо дар матни бобу зербобҳои диссертатсия инъикос ёфта ва натиҷагирӣ шудаанд. Ба фикри инҷониб, ба сифати муҳимтарин

унсурҳои навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшуда, инҳо баромад мекунанд:

- Дар диссертатсия таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию услубии мафҳум ва моҳияти сармоягузориҳо, хусусиятҳои сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёт, таснифбандиҳои сармоягузориҳо, мавқеи сармоягузориҳо дар рушди иқтисодӣ хусусан субъектҳои хоҷагидории минтақаи мавриди таҳқиқот, дар асоси таҳқиқ ва омӯзиши адабиёти ватанию хориҷӣ, ки он барои қиёсу натиҷагириҳои унвонҷӯёни оянда метавонад ҳамчун далели илмӣ хизмат намояд;

-Дар асоси таҳқиқу омӯзиш, хусусиятҳои хоси механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо ошкор гардида, омилҳои таъсиррасон ба рушди механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо ба субъектҳои маъмурию ҳудудӣ натиҷагирӣ гардидааст. Ҳамзамон, аз тарафи диссертант амалигардонии барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо қарорҳои идоракунии асоснок тавсифу тасниф, гардида, ки фикри мо натиҷаи назаррас маҳсуб меёбад;

- Дар асоси таҳқиқ ва омӯзиш вазъи кунунии ҳолати сармоягузорӣ, таъсири фишангу механизмҳои молиякунонии сармоягузориҳо ба рушди иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои он натиҷагирӣ карда шуда, вазъи кунунии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятнок, баҳодиҳии механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо дар иқтисодиёти вилояти Хатлон таҳлилу арзёбӣ гардидааст;

- Аз ҷониби муаллиф роҳҳои муҳимми такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои он мавриди таҳққот қарор дода шудааст. Муаллифи рисола собит сохтааст, ки равнақи механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо аз рушди ҳамкориҳои давлату бахши хусусӣ вобастагӣ дорад;

- Дар рисола вазъи кунунии сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёт дар асоси лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар пойгоҳи механизми молиявию таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ дар дохили кишвар ва минтақаҳои он таҳқиқ шуда, дурнамои рушди равандҳои иқтисодӣ дар вилояти Хатлон муайян карда шудааст;

- Дар анҷоми кори таҳқиқотӣ муаллиф роҷеъ ба такмили механизми молиявии сармоягузориҳо дар вилояти Хатлон, истифодаи таҷрибаи хориҷии мамлакатҳои пешрафта дар ин самт, баландбардории нуфуз ва фаъолии сармоягузории корхонаҳо ва хоҷагиҳои минтақавӣ тавсия ва пешниҳодҳои коркардшударо иброз доштааст, ки ба фикри мо ба мақсад мувофиқ мебошанд.

4. **Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия илман асоснок буда, мазмун ва моҳияти онҳо пурра аз таҳқиқ, таҳлил ва арзёбии масоили дар матни диссертатсия баррасишуда бармеоянд. Оид ба дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот қайд кардан лозим аст, ки асоси онҳоро сарчашмаҳои оморӣ ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, муаллиф маълумоти субъектҳои хоҷагидориро аз минтақаи мавриди таҳқиқ баҳодиҳӣ намуда (маълумоти истифодашуда бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ тасдиқ гардидаанд), хулоса ва натиҷагирӣ кардааст. Маҳз ҳамин маълумот ба муаллиф имкон додаант, ки оид ба масоили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаи Хатлон хулосаҳои воқеӣ ва тавсияҳои илман асоснок таҳия намояд.

5.**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он**. Аз таҳлилу баррасии маводи диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович натиҷагирӣ намудем, ки таҳқиқоти илмӣ дорои аҳаммияти илмии назаррас буда, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия барои рушди сармоягузориҳо дар вилояти Хатлон ҳамчун асосҳои услубӣ ва амалӣ хизмат карда метавонанд.

Мавриди зикр аст, ки муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маъруза ва мақолаҳо дар конфронсҳо, семинарҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ баррасӣ ва чоп шудаанд.

**6.Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Аз ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Раҳматов Умед Раҷабович бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Мавзуъ ва ихтисоси довталаби дараҷаи илмии унвонҷӯ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба талаботи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**7.Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Тамоми марҳилаҳои иҷрои нақшаи таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асоснокkунӣ, мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳаммиятнокии онҳо бо иштироки бевоситаи диссертант анҷом пазируфтааст. Чунин равиш ва натиҷаву хулосабарориҳо ба унвонҷӯ имкон додааст, ки доир ба масъалаҳои такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ тавсия ва пешниҳодҳои илман асоснокро иброз дорад. Ҳамчунин, маводи дар диссертатсия ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррасишуда ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии «Таҳлили лоиҳаҳои инвеститсионӣ»,

«Асосҳои молия» ва «Молия, муомилоти пул ва қарз» дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ истифода шуда истодаанд.

**8. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи пешниҳодшуда номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашударо фаро мегирад. Матни умумии диссертатсия 181 саҳифаро ташкил дода, дорои 7 расм, 14 диаграмма ва 31 ҷадвал мебошад. Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бобҳо ва зербобҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтааст, ки тавсифи онро дар алоҳидагӣ иброз доштан мумкин аст.

**Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявию услубии таҳқиқи механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ»** мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст, ки унвонҷӯ бештар ба масъалаҳои таҳқиқи назариявию услубии механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ, қоидаҳо ва хусусиятҳою омилҳои ба сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ таъсирбахш, таҷрибаи хориҷии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ ва имконоти истифодабарии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқоти илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст ( 15-63).

Дар зербоби 1.1. унвонҷӯ иброз медорад механизми молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ аз ҷиҳати шакл, метод ва воситаҳои идоракунии захираҳои молиявӣ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешавад: шаклҳои ташкилӣ муносибатҳои молиявӣ, методҳои молиявӣ, воситаҳои молиявии ибтидоӣ, унсурҳои молиявӣ иборат мебошад.

Дар фаъолияти сармоягузорӣ мафҳуми сармоягузорӣ аз маблағгузориҳои асосӣ аз ҳамдигар фарқ дорад, зеро мафҳуми сармоягузорӣ нисбат ба маблағгузориҳои асосӣ васеътар фаҳмида мешавад. Маблағгузориҳои асосӣ гузориши дарозмуддати сармоя мебошад, ки ягона ба фондҳои асосӣ истифода мешаванд. Дар шароити имрӯза маблағгузориҳои асосиро сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ меноманд.

Барои оқилонаю самарабахш истифодабарии сармоягузорӣ дар доира ва сатҳҳои гуногуни иқтисодиёт таснифоти аз нигоҳи илмӣ асоснокшудаи сармоягузориҳо лозим аст. Ва ин таснифот аз рӯи аломатҳои таснифотӣ сурат мегиранд, ки метавонанд ба паҳлӯҳои гуногун ва ҷанбаҳои мусбию манфии сармоягузориҳо равшанӣ андозанд (саҳ.15-30).

Дар зербоби 1.2. муаллифи рисола омӯзиши қоидаҳо ва хусусиятҳои таъсири омилҳоро ру ба сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ мавриди арзёбӣ қарор дода, қайд намудааст, ки омӯзиши омилҳои истеҳсолоти кишоварзӣ махсусият ва ҷойгоҳи механизми иқтисодӣ чунин мавқеъ дорад, ки дар гурӯҳи умумии омилҳои иқтисодӣ на танҳо унсурҳо ва зерсистемаҳои ин механизм амал мекунанд, балки боз омилҳое мавҷуданд, ки ба дараҷа ва самаранокии истеҳсолот тавассути механизми танзими давлатӣ ва ҳамчунин дар намуди дастгирии бевоситаи буҷетӣ ва дигар чораҳои барои соҳаи кишоварзӣ судманд, таъсир мерасонанд. Диссертант бисёр хуб қайд мекунад, ки дар рушди иқтисодиёти ҳар як давлат дар фаъолияти сармоягузорӣ хусусиятҳои зерин мавҷуд аст, ки инҳо баҳисоб мераванд: иқтидори захиравии минтақа, аз марказ дур будани минтақа, иқлими минтақа, шумораи аҳолӣ, миқдори мутахассисони баландихтисос дар минтақаи маъмурию ҳудудӣ, истеҳсолоти соҳавии он вобаста ба мавсим баҳисоб меравад. Иқтидори захиравии минтақаи маъмурию ҳудудӣ ин ҳамаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла канданиҳои фоиданок, захираҳои молиявӣ ва дигар захираҳои мавҷудаи он ба ҳисоб меравад ( саҳ, 34-48).

Дар зербоби 1.3. муаллиф зикр кардааст, ки барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки ба кишвар муҳити мусоиди сармоягузорӣ фароҳам оварда, пешгирӣ аз фасод дар самти фаъолияти сармоягузорӣ ва сода гардонидани низоми андозбандиро ба роҳ монад. Барои сармоягузорони хориҷӣ , пеш аз ҳама, шароитҳои инфрасохтори сармоягузорӣ бояд мавҷуд бошад, зеро сармоягузори хориҷӣ бе ин наметавонад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ намояд. Кишварҳое, ки сари вақт ҷалби сармоягузориро роҳандозӣ карда, таҷрибаи дигаронро дар пешбурди иқтисодашон истифода намуданд, аз ҷиҳати рушди иқтисодӣ пешқадаманд. Шароити иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ мусоидат мекунад. Ҳукумати ҷумҳурӣ барои онҳо имтиёзҳои андозию гумрукӣ пешбинӣ намудааст, ки метавонанд бидуни мушкилӣ аз он истифода баранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби як қатор кишварҳо ва созмонҳои байналмилалии молиявӣ ба рушди соҳаҳои мухталиф сармоягузорӣ карда мешавад. Аммо ҳоло ҳам ин кофӣ нест ва мо бояд дар ин самт таҷрибаи кишварҳои пешқадамро, аз қабили Олмон, Чин, Русия, ИМА, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон дар рушди иқтисоди кишвар истифода намоем ( саҳ. 46-63).

**Дар боби дуюм «Таҳлили вазъи механизми молиявии таъмини сармоягузории рушди иқтисодӣ дар вилояти Хатлон»** таҳлили вазъи муосири сармоягузориҳо дар иқтисодиёти миллӣ ва буриши минтақаҳои он, арзёбии самаранокии таъмини сармоягузории рушди иқтисодӣ ва баҳодиҳии механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо дар иқтисодиёти вилояти Хатлон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст (саҳ. 64-94).

Дар зербоби 2.1 муаллиф қайд мекунад, ки мутобиқи омори Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 ба ҷумҳурӣ 2576,8 млн доллар сармояи хориҷӣ ворид гардида буд, ки назар ба соли 2021 1858,5 млн доллари ИМА ( 2,9 маротиба) зиёд буд. Сармояи умумии хориҷие, ки соли 2022 2576,8 млн долларро ташкил дода буд, аз он 618.4 млн доллар сармояҳои мустақим, 1 958.2 млн доллар дигар сармояҳо мебошад. Сармояи мустақим дар кишвар дар ҳамин давра 618.4 млн доллари ИМА (89,2 %) ва дигар навъи инвеститсияҳо 1 958.2 млн доллари ИМА ( 5,1%) зиёд гардидааст. Зимни таҳлилҳои муаллиф муайян шудааст, ки дар соли охири таҳлил натиҷагирӣ шуд, ки дар соҳаҳои кишоварзӣ 0,1%; нақлиёт ва алоқа 10,7% сохтмон 9,7% ; савдо ва хӯроки умумӣ 2,3%; хоҷагии коммуналӣ 7,4%; маориф 3,1% ва тандурустӣ 1,1% аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ равона шуда буданд, (саҳ.64-75).

Аз рӯйи таҳқиқоти дар зербоби 2.2. анҷомшуда маълум гардид, ки дар рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон то ба имрӯз 80 лоиҳаи сармоягузории ба маблағи 15 млрд сомонӣ сармоягузорӣ гардидааст. Дар соли 2022 бошад, татбиқи 40 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 7 млрд сомонӣ амалӣ гардидааст. Дар вилояти Хатлон аз ҷониби Ҳукумати малакат то соли 2022 12 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 5,9 млрд сомонӣ сармоягузорӣ гардидааст. Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба сари аҳолии вилоят дар соли 2021 7624,2 ҳазор сомонӣ, шумораи миёнаи солонаи шахсони дар иқтисодиёт машғули кор буда, 486,8 ҳазор нафар, даромади буҷети вилоят 2176559,6 млн сомонӣ, музди меҳнати моҳона 1143,19 сомонӣ, андозаи миёнаи нафақа 361,18 сомониро ташкил дод (саҳ.74-94).

Дар зербоби 2.3. муаллиф иброз медорад, ки механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо яке аз омилҳои пешбари рушди муносибатҳои молиявӣ ва низоми молиявии кишвар буда, барои фаъолияти самараноки тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, хусусан фазои сармоягузориҳо шароити бунёдӣ фароҳам меорад. Таҳлилҳои мо нишон дод, ки ба ҳолати 1 январи соли 2023 дар ҷумҳурӣ 77 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи

умумии 3,9 млрд доллар, аз ҷумла 2,4 млрд доллар маблағи грантӣ, 1,4 млрд доллар маблағи қарзӣ ва 135,0 млн доллар саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуда истодаанд. Дар соли 2023 аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 6 824,9 млн сомонӣ маблағҳо аз худ карда шудааст, ки ин ба 98,2 фоизи нақшаи аниқшудаи солонаи буҷети лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ барои соли 2023 баробар мебошад.

Таҳлилҳои мо нишон дод, ки самтҳои асосии танзим ва ҳавасмандгардонии механизми молиявии таъмини сармоягузорӣ метавонанд инҳоро дар бар гиранд: таҳияи барномаҳои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ, анҷоми корҳое, ки ба фазои мусоиди сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон замина мегузорад, чорабиниҳо оид ба пешрафти фаъолияти сармоягузории субъектҳои соҳибкорӣ ба воситаи амалигардонии механизми ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, ба роҳ мондани равобити тиҷоратӣ бо корхонаҳои молиявӣ, таҳияи тадбирҳои институтсионалӣ, молиявӣ, пулию қарзӣ, ки ба фаъолияти равандҳои инноватсионӣ дар иқтисоди минтақа нигаронида шудаанд, такмили қонунгузорӣ, ки ба танзими фаъолияти сармоягузориҳо дар вилоят мусоидат мекунад (саҳ.95-106).

**Дар боби сеюм - «Самтҳои такмили механизми молиявии таъмини сармоягузории рушди иқтисодӣ дар вилояти Хатлон»** - рушди ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ дар таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон, роҳҳои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба иқтисодиёти вилояти Хатлон, тарҳрезии модули дурнамои механизми таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон арзёбӣ гардидааст, (саҳ.108-140).

Таҳқиқи зербоби 3.1. нишон дод, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар вилоят аз ҷониби бахши хусусӣ барои бунёди корхонаҳои саноати дар ноҳияҳои Кушониён, Дӯсти, Данғара, Шаҳритус, Панҷ, Муъминобод, Мир Саид Алӣ Ҳамадонӣ, таҳия гардидааст. Ҳамчунин, барои бунёди боғҳои интенсивӣ низ дар ноҳияҳои Панҷ, Данғара, Ҷайҳун, Ҷалолиддини Балхӣ, Дӯстӣ таҳия гардидаанд. Бахши хусусӣ дар рушди иқтисодиёти соҳаҳои вилояти Хатлон имрӯзҳо хеле муҳим ва нақши назаррас дорад. Бояд гуфт, ки дар таҳлилҳои ҷадвали 3.1.3. маълум гардид, ки дар минтақаҳои вилояти Хатлон аз ҷониби бахши хусусӣ барои ташкили корхонаҳои истеҳсолии коркарди меваю сабзавот дар ноҳияҳои Данғара, Шаҳритус, Панҷ, ноҳияҳои Ҷайҳун, Ҷ.Балхӣ, Дӯстӣ ноҳияҳои Кушониён ва Дӯстӣ, Муъминобод, Мирсаид Алӣ Ҳамадонӣ, Ҷайҳун, МОИ «Панҷ», инчунин дар ин минтақаҳои болозикр ташкили корхонаҳо барои истеҳсоли маҳсулоти ресандагию бофандагӣ, истеҳсоли

матоъ, коркарди зироатҳои равғани,истеҳсоли либосҳои бачагона, истеҳсоли газворҳои тиббӣ, уребчаҳои кӯдакона сармоягузорӣ карда шудааст (саҳ.109-121).

Таҳлили зербоби 3.2. нишон дод, ки ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти вилояти Хатлонро мо дар диаграммаи 3.5 овардем. Аз рӯйи диаграммаи 3.5 маълум гардид, ки ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар вилояти Хатлон ба 01.01.20 ба сармоягузориҳои мустақим 10595,2 ҳазор доллари ИМА, барои дигар сармоягузориҳо 11231,2 ҳазор доллари ИМА ворид гардид. Ба 01.01.21 бошад сармоягузориҳои мустақим 14688,63 ҳазор доллари ИМА, сармоягузории ҷомадонӣ 25 ҳазор доллари ИМА, сармоягузориҳои дигар 13519,29 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод. Ба 01.01.22 ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба сармоягузориҳои мустақим ба 1089436,6 ҳазор доллари ИМА ва дигар сармоягузориҳо ба 64994,4 ҳазор доллари ИМА баробар шуд. Тибқи нишондиҳандаҳои диаграмма ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба сармоягузориҳои ҷомадонӣ дар солҳои 2020-2022 ба сифр баробар аст (саҳ.121-140).

Дар зербоби 3.3. муҳаққиқ иброз медорад, ки барои таъмини дурнамои сармоягузориҳои пешрафти иқтисодии минтақа, ошкор ва пешгирӣ кардани паёмадҳои эҳтимолии фаъолияти соҳаҳои ҷудогонаи кишоварзӣ маҷмуи сармоягузориҳои бахшҳои иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлонро ояндабинӣ намудан зарур аст. Дурнамосозии фаъолияти соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ одатан дар асоси усулҳои эконометрикӣ, махсусан моделҳои қаторҳои вақтӣ амалӣ карда мешаванд. Дар шароити кунунӣ ҳангоми анҷом додани дурнамосозӣ бештар усулҳои эконометрикӣ, усули экспертӣ, усулҳои индексӣ ва усули эктрополятсия истифода бурда мешаванд. Дар байни моделҳои эконометрикӣ барои дурнамосозӣ моделҳои қаторҳои вақтӣ оид ба амалӣ намудани дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ истифода бурда мешавад (саҳ.140-156).

**9. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Интишороти муаллиф нуктаҳои асосӣ, навгониҳо, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардидаро фарогир буда, дар маҷмуъ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 23 мақолаҳои илмии муаллиф, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**10. Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ”.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои тасдиқнамудани Комиссияи олии

аттетсатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №267 аз 30.06.2021) аз руи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад.

**11. Мутобиқатии автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсияи илмӣ.** Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба нашр расонидаи унвонҷӯ мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошад ва ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, корҳои интишоркардаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашударо дар худ таҷассум мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дорои арзиши воқеии илмӣ мебошад ва дар баробари муваффақиятҳо дар он камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо моҳияти илмию амалии таҳқиқоти оянда муаллифи рисоларо беҳтар мегардонад:

1. Дар қисмати назариявии рисолаи илмӣ вобаста ба масъалаи баррасишаванда нуқтаи назари илмии олимони зиёди хориҷӣ ва ватанӣ хуб инъикос гардидааст, аммо нуқтаи назари мунаққидонаи муаллиф оид ба назари онҳо кам ба мушоҳида мерасад. Ҳамзамон, ихтилофи назари муаллиф дида намешавад;
2. Дар зербоби 1.3, ки сухан сари масъалаи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ меравад, бояд мушаххасан мавриди таҳлил қарор бигирад, то ин ки кадом таҷрибаи кишварҳо ба шароити кишвари мо хос мебошад ва кадом дастовардҳои пешқадами онро дар шароити ҷумҳурии мо амалӣ кардан ба мақсад мувофиқ ва имконпазир аст;
3. Муаллиф дар зербоби 2.3. Баҳодиҳии механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо дар иқтисодиёти вилояти Хатлон мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор додааст. Бисёр ба маврид мебуд дар ин қисмати кори таҳқиқоти муаллифи диссертатсия ба масъалаи ҳавасмандкуниҳои молиявии сармоягузориҳо аҳаммият медод;
4. Бисёр ба маврид мебуд, дар зербоби 3.3. дар қатори таҳия моделҳои ҳисобии дурнамои сармоягузории соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон, ягон модели консептуалӣ ё матрисаи беҳтарсозии механизми молиявии таъмини сармогузориҳои рушди иқтисодиро дар вилояти Хатлон таҳия мекард;
5. Дар хулосабарории диссертатсия бисёр бамаврид мебуд аз таҳлили ҷадвалҳо ва диаграммаҳое, ки дар рисола мавриди таҳқиқ қарор дода шуда буданд, натиҷагирӣ карда мешуд.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои номбурда характери тавсиявӣ дошта ба арзиш ва мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур кори илмии ба итмомрасида ва дорои арзиши илмӣ дошта буда, навгониҳои илмию амалиро дар худ инъикос менамояд.

**12. Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия.**

Таҳлилу баррасии диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Қодирзода Ф.А.**

**Суроға: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Хиёбони Рудакӣ, 17, Душанбе,734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Тел: (+992-37) 221-62-25, +992907656699**
**E-mail : f123085 @mail.ru**

**«19» 12 2024**

**Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Қодирзода Ф.А.-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ